Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://istilohot.tj)

# Семинар-машварати омӯзишӣ дар мавзуи «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 27 August, 2024 - 10:00
[1]

23-юми августи соли 2024 дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» бо иштироки кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон семинар-машварати омӯзишӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур масъалаҳои муҳимми соҳавӣ, аз ҷумла, корбурди Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобат дар раванди коргузорӣ, шаклҳои истилоҳсозӣ, меъёрҳои номсозии тоҷикӣ ва номгузории фарзандон дар асоси фарҳанги миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар фарҷом сардори шуъбаи кадрњои Вазорат Т. Рабиев барои иштироки намояндаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии мазкур изҳори сипос намуда, кормандони Вазоратро ҷиҳати назорат ва риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» вазифадор намуданд.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

- 

-

- 

- 

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/7050?mini=2025-06

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20240826-WA0004.jpg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/30 [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20240826-WA0010.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20240826-WA0013.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20240826-WA0004.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20240826-WA0017.jpg